«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба ном А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.**

**_____________ 17 сентябри соли 2024**

# ХУЛОСАИ

**шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Мавзу ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад. Рисола аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардида дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ тахлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст ба шиносномаи ихтисос ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи унвонҷӯ Додозода Абдуманон Махсуд дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасдиқ карда шудаст.

Додозода Абдуманон Махсуд соли 1985 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, онро соли 1990 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм кардааст.

Додозода А.М. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2017 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.

Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро оғоз намудааст.

Мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ таҳти унвони «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 18 январи соли 2018, таҳти №3408/24-26 тасдиқ шудааст.

Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи мазкур чунин хулоса қабул кард:

Қабули Конститутсияи Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи навро боз намуд, ки он ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳо мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, омадааст, ки: «Иқтисоди бозорӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ заминаи асосии пешравии иқтисодиёти ватанӣ ва рушди давлатдорӣ гардида истодааст. Рӯ овардани ҷомеа ба иқтисоди бозорӣ, кафолат додани фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳои бо қонун манъношуда дар сатҳи конститутсионӣ, озодии рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, муҳайё намудани фазои ягонаи иқтисодӣ, шомилшавии кишвар ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати кафолат додани гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ омили асосии рушди соҳибкорӣ ва такомул ёфтани он дар кишвар гаштааст». Дар баробари ин дар ҳуҷҷати зикргардида қайд шудааст, ки барои амалӣ намудани ин муқарраратҳо гузаронидани якчанд чорабиниҳо, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд ба нақша гирифта шудаанд, ки на ҳамаи онҳо то имрӯз амалӣ шудаанд.

Гуноҳ яке аз шартҳои ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ва номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо мебошад. Проблемаи гунаҳгорӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарин ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ мебошад. Аз

ин рӯ, инкишофи назариявии он дар оянда гарави такмили танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Бо вуҷуди он ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боби махсус «Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ» мавҷуд бошад ҳам, аммо «гуноҳ» яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ боқӣ мондааст. Дар КМ ҶТ меъёри махсус оид ба мафҳуми гуноҳ вуҷуд надорад. Дар назария ҳуқуқ бошад, гунаҳгорӣ ҳамчун муносибати равонии шахс ба кирдор фаҳмида мешавад. Дар қисми 1 моддаи 462-и КМ ҶТ бошад, гуноҳ танҳо асоси ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо пешбинӣ шудааст, яъне «шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасд ё беэҳтиётӣ), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома асосҳои дигари ҷавобгариро пешбинӣ намудааст, ҷавобгар мебошад». Гуноҳ ҳамчун асос барои дигар намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ва татбиқи он ба дигар институтҳои ҳуқуқи маданӣ дар КМ ҶТ дар алоҳидагӣ пешбинӣ нашудааст, ки ин ҳангоми татбиқи меъёрҳои КМ ҶТ дар амалия мушкилотро ба миён оварданаш мумкин аст. Ҳатто дараҷаи бегуноҳӣ муайян карда нашудааст, ки «шахсе бегуноҳ эътироф мешавад, ки агар ӯ бо дараҷаи ғамхорӣ ва эҳтиёткорӣ, ки хусусияти уҳдадорӣ ва шароити муомилот аз ӯ талаб мекунад, барои иҷрои дурусти уҳдадорӣ тамоми чораҳоро дида бошад».

Ҳамин тавр, ҳамаи далелҳои овардашуда аҳаммияти илмӣ-амалӣ доштани диссертатсияро муайян намуда, имконият медиҳад ба хулоса оем, ки проблемаи мазкур ба таври мушахас дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода нашуда, зарурияти интихоби кори диссертатсиониро муайян менамояд.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони тоҷик ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт назару андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо, бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии мо таҳқиқоти алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст.

Диссертатсия дар доираи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005, тасдиқ карда шудааст ва барномаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи ба танзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Доир ба мавзу ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Додозода А.М. Пайдоиш ва ташаккули мафҳуми гуноҳ [Матн] (Маҷаллаи Академии ҳуқуқ). – Душанбе, 2021. – № 2 (38). – С. 123-130. ISBN 2305-0535.

[2-М] Додозода А.М. Ҳадди гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи граждани [Матн] (Маҷаллаи Академии ҳуқуқ). – Душанбе, 2021. – № 3 (39). – С. 111-115. ISBN 2305-0535.

[3-М] Додозода А.М. Масъулияти давлат дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ; Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2021. – № 3 (23). – С. 163-168. ISBN 2414-9217.

[4-М] Додозода А.М. Гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ; Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2021. – № 4 (24). – С. 180-190. ISBN 2414-9217.

[5–М]. Furthermore Бобоҷонзода И.Ҳ., Додозода А.М. Баъзе масъалаҳои гуноҳ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании [Матн] (Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ; Ҳаёти ҳуқуқӣ). – Душанбе, 2023. – № 2 (42). – С. 98-111. ISBN 2307-5198.

[6–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Додозода А.М. Гуноҳ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (Маҷаллаи Академии ҳуқуқ). – Душанбе, 2024. – № 2 (50). – С. 91-100. ISBN 2305-0535.

[7–М]. Додозода А.М. Гуноҳ ҳамчун ҳолат, таваккал ва унсури ҷавобгарӣ дар муносибатҳои шартномавӣ [Матн] (Қонунгузорӣ). – Душанбе, 2024. – № 2 (54). – С. 73-79. ISBN 2410-2903.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шуданд:**

[8-М] Бободжонзода И.Х., Додозода А.М. Проблемы понимания вины в контексте эволюции научных исследований в сфере цивилистики. Юридическая наука: история и современность. Санкт- Петербург, 2017, №5. С. 87-95.

[9-М] Бободжонзода И.Х., Додозода А.М. Понятие вины применительно к юридическим и физическим лицам. Юридическая наука: история и современность. Санкт- Петербург, 2017, №6. С. 94-109.

[10-М] Додозода А.М. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ роҳнамои рушди минбаъдаи кишвар. Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2019. №4. С.70-74.

[11-М] Додозода А.М. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкиму рушди ҳокимияти судӣ. Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2022. №4. С.92-102.

[12-М] Додозода А.М. Мафҳуми гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (11майи соли 2024) // Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2024. – 500 с. С. 444 - 471. ISBN 978-99985-65-74-6.

[13-М] Додозода А.М. Гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд”, бахшида ба 33-умин солгарди Истиқ-лолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: “Нашри Мубориз”, 2024. – 492 с. С. 270-277.

[14-М] Додозода А.М. Гуноҳ ҳамчун ҳолат, таваккал ва унсури ҷавобгарӣ дар муносибатҳои шартномавӣ. Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ. Душанбе, «Дониш», 2024. – 260 с. С. 121-129.

Дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзу ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд, аз ҷумла дар:

- Конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таҳкимбахши ваҳдати миллӣ» (Душанбе, соли 2018);
- Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «30 соли рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, соли 2021);
- Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва дастовардҳо» (Душанбе, соли 2021);
- Форуми ҳаштуми байналмилалии илмию амалии коршиносон дар мавзуи «Адолати судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ барои Осиёи Марказӣ» (Тошкант, соли 2021);
- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 25-солагии рӯзи «Ваҳдати миллӣ» дар мавзуи «Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2022);

-Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли маърифати ҳуқуқӣ дар мавзуи «Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон» (Душанбе, соли 2024);

-Конференсияи сеюми илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба «Рӯзи илми тоҷик» ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» (Душанбе, соли 2024);

-Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли маърифати ҳуқуқӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ» (Душанбе, соли 2024);

-Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба ифтихори рӯзи Ваҳдати миллӣ, соли маърифати ҳуқуқӣ ва 85-солагии академик Фозил Тоҳиров дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони ватанӣ дар ташаккул ва рушди илму маърифати ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2024).

-Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 33 – юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ – таҳкимбахши давлати ҳуқуқбунёд» (Душанбе, соли 2024).

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё мконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, таснифоти пешниҳодгардида ва дигар муқаррароти назариявӣ метавонанд назарияи ҳуқуқи маданиро оид ба масъалаҳои гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ дар умум ва махсусан гуноҳ дар муносибатҳои шартномавӣ ба таври назаррас ғанӣ гардонанд. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳо дар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи маданӣ ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқаррароти назариявӣ оид ба моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он тавсифи дақиқи мафҳумҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мухтасар ифода карда шуда, меъёрҳои мушаххаси ҷудо кардани шакл ва дараҷаҳои гуноҳи шартномавӣ пешниҳод шудааст. Ин ба мақомоти судӣ имкон медиҳад, ки амалияи татбиқи меъёрҳоро оид ба гуноҳи шартномавӣ дуруст амалӣ намояд. Илова бар ин, таклифҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида метавонанд дар кори таълимию методӣ оид ба фанҳои дахлдор ва омода намудани васоити таълимӣ – методӣ истифода шаванд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти мақомоти

ҳуқуқэҷодкунанда, ҳуқуқтатбиққунанда ва таҳияи диссертатсия ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад, ки он ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ки баён гардидаанд тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ дастоварди мустақилона ва бевоситаи муаллиф буда, асоснокӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки ин таҳқиқот аввалин таҳқиқоти алоҳидаи ҳамаҷонибаи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи римӣ дар бораи номувофиқатии равишҳои мавҷуда оид ба мафҳуми гуноҳ дар ҳуқуқи хусусии римӣ хулоса бароварда шуда, мафҳуми нави умумии гуноҳ дар ҳуқуқи римӣ асоснок карда мешавад; асосҳои методологии таҳқиқи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ пешниҳод карда шудааст; дар асоси муайянкунии моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ ва бо назардошти қонунӣ муқаррар кардани бегуноҳии шахс, тафсири мафҳумҳои гуноҳи қарздор, гуноҳи кредитор (қарздиҳанда), гуноҳи шахси ҳуқуқӣ, гуноҳи соҳибкорони инфиродӣ, сӯиқасд, беэҳтиётӣ, маҳакҳои маҷмӯии тафриқаи онҳо, беэҳтиётии оддӣ ва дағалона асоснок пешниҳод карда мешавад; оид ба такмили қонунгузории мадание, ки масъалаҳои гуноҳи вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамояд, таклифҳо пешниҳод карда шуданд.Натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни гуноҳ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти ҷавобгарии шартномавӣ ва гуноҳ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самараноки ҳифзи судӣ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ асос мeёбанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қарор кард:

1.Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Хулоса ба овоз монда мешавад: тарафдор – 6 нафар, зид – нест, бетараф – нест, хулоса якдилона қабул карда шуд.

Асос: протоколи ҷаласа №8 аз 17 сентябри соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдуҷалилов А.

**Котиби ҷаласа:**

Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ Шарипова М.

Имзоҳои А. Абдуҷалилов ва
М. Шарипова – ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

17.09.24